*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод гардидааст.**

### 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Объект, мавзуъ ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мутобиқ мебошад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, сармояи инсонӣ, рушди неруи корӣ ва механизми ташкилию иқтисодии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ бахшида шудааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерин аз шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат менамояд: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии ҳайат ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ. Сармояи инсонӣ; 8. Масоили сифати неруи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайат; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати қувваи корӣ мутобиқат менамояд. Аз ин рӯ, диссертатсия аз ҷиҳати самти илмӣ ва муҳтавои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, такмили идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ тавъам мебошад, масъалаи ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Зеро самаранокии фаъолияти давлат, сифати қабули қарорҳои идоракунӣ, сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ бевосита ба сатҳи касбият, салоҳият, омодагии касбӣ ва идоракунии дурусти захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ вобаста мебошад.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақобати афзояндаи бозори меҳнат, густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ, низоми хизмати давлатӣ ба кадрҳои навъи сифатан баланд, дорои малакаҳои муосир, тафаккури стратегӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбанда ниёз дорад. Дар чунин шароит таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии идоракунии захираҳои инсонӣ, ошкор намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои такмили механизми идоракунии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илми иқтисодӣ ва амалияи идоракунии давлатӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои сиёсати кадрӣ, такмили низоми тайёркунӣ ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ, механизми баҳодиҳии фаъолияти онҳо, ҳавасмандгардонӣ, интихоби кадрҳо ва нигоҳдории мутахассисони баландихтисос то ҳанӯз ба таври комил ҳаллу фасл нашудаанд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи диссертатсия, ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ хеле мубрам ва саривақтӣ мебошанд.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳқиқи амиқи масъалаҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили асосҳои назариявию методологии он ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ ифода меёбад.

Дар диссертатсия муаллиф масъалаҳои муҳимми илмиро матраҳ намуда, барои ҳалли онҳо натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст. Аз ҷумла, навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтааст:

1. Муаллиф тафсири муаллифии мафҳуми **«захираҳои инсонӣ»**-ро пешниҳод намуда, онро аз нигоҳи таркиб, хусусиятҳои функсионалӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ташкиливу иқтисодии идоракунӣ баррасӣ кардааст. Дар ин замина, фарқият ва робитаи байни мафҳумҳои «захираҳои инсонӣ», «иқтидори инсонӣ» ва «сармояи инсонӣ» асоснок карда шудаанд.

2. Дар заминаи таҳлили функсионалии низоми мавҷудаи идоракунии захираҳои инсонӣ дар мақомоти ваколатдори соҳа, аз ҷумла Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои рушди захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ ошкор ва ҷамъбаст гардидаанд.

3. Муаллиф шароитҳои ташаккул, истифода ва рушди захираҳои инсонӣ дар сохторҳое, ки механизми идоракунии захираҳои инсониро дар мақомоти идоракунии давлатӣ ташкил медиҳанд, таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии идоракунии онҳоро муайян кардааст.

4. Тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии рушди захираҳои инсонӣ дар муассисаҳои давлатӣ таҳия гардида, роҳҳои такмили механизми интихоб ва қабули кадрҳо, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мазмуни диссертатсия, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада мувофиқат намуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ аҳаммиятнок мебошанд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда дар заминаи таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории расмӣ, ҳисоботҳои сохторҳои ваколатдори давлатӣ ва маводи таҳқиқоти мустақили муаллиф таҳия шудаанд. Барои ҳалли масъалаҳои гузоштаншуда муаллиф аз усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, усули низомӣ, таҳлили омилӣ, индуксия ва дедуксия, мушоҳида, арзёбии экспертӣ ва дигар усулҳои илмӣ истифода бурдааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он тақвият меёбад, ки муаллиф маводи таҳлилро ба фаъолияти мақомоти давлатии дахлдор, хусусиятҳои воқеии низоми хизмати давлатӣ ва самтҳои амалии сиёсати кадрӣ пайваст намудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ надошта, ба ҳалли мушкилоти мушаххаси идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок буда, барои истифода дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои такмили ихтисос аҳаммияти воқеӣ доранд.

## 5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Сохтори диссертатсия бо мантиқи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он мутобиқ буда, ба таври пайдарпай ва низомнок таҳия шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии матни асосии диссертатсия 188 саҳифаи чопиро ташкил дода, дар он 8 ҷадвал ва 26 расм ҷой дода шудааст.

Дар **муқаддима** (саҳ. 4-14) мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар унсурҳои асосии диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Дар **боби якум** – *«Асосҳои назариявии ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ»* (саҳ. 14-60) – масъалаҳои назариявии моҳият, мазмун ва хусусиятҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, сохтори низоми хизмати давлатӣ ҳамчун низоми иҷтимоию иқтисодӣ, моделҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои инсонӣ ва хусусиятҳои институтсионалии ин раванд баррасӣ гардидаанд.

Дар **боби дуюм** – *«Арзёбии иқтисодӣ ва вазъи идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* (саҳ. 60-116) – заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии раванди идоракунии захираҳои инсонӣ, тамоюлҳои рушди онҳо, мавқеи иқтисодии захираҳои инсонӣ ва механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии онҳо дар низоми хизмати давлатӣ таҳлил шудаанд.

Дар **боби сеюм** – *«Самтҳои стратегии рушди механизми идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* (саҳ. 116-168) – самтҳои афзалиятноки такмили механизми идоракунии захираҳои инсонӣ, дурнамои тавъамгардонии манфиатҳои иқтисодӣ ва рушди захираҳои инсонӣ, инчунин принсипҳои такмили механизми идоракунӣ пешниҳод ва асоснок карда шудаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳод** ҷамъбасти натиҷаҳои асосии таҳқиқот иборат аз 9 банд ва тавсияҳои барои истифодаи амалии он иборат аз 9 банд оварда шудааст (саҳ. 169-173).

## 6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф ба рушди асосҳои назариявию методологии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ саҳм гузошта, як қатор масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат, сармояи инсонӣ, сиёсати кадрӣ ва механизми ташкилию иқтисодии идоракунии захираҳои инсониро аз нав баррасӣ ва ҷамъбаст намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби **Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**, **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**, дигар мақомоти давлатӣ ва сохторҳои марбута барои такмили сиёсати кадрӣ, таҳияи барномаҳои рушди захираҳои инсонӣ, такмили механизми интихоб, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва баҳодиҳии хизматчиёни давлатӣ истифода шаванд.

Аз нуктаи назари иқтисодӣ, татбиқи пешниҳодҳои муаллиф метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи неруи инсонӣ дар мақомоти давлатӣ, беҳтар гардидани сифати идоракунӣ, кам шудани талафоти ташкилӣ ва баланд шудани натиҷабахшии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мусоидат намояд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ бошад, таҳқиқот ба масъалаҳои баланд бардоштани мақоми иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, рушди салоҳиятҳои касбӣ, таҳкими ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ мусоидат мекунад.

## 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар **10 асари илмии нашршуда**, аз ҷумла **7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии эътирофшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** инъикос ёфтаанд. Ин ҳолат аз санҷиши илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо дар муҳити илмӣ шаҳодат медиҳад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия мазмун, мундариҷаи асосӣ ва вазифаҳои асосии кори мазкурро пурра инъикос намуда, маводи мазкур ва автореферати он мутобиқ бо талаботҳои ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият даровarда шудааст.

**9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Бо вуҷуди аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, дар он баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва мулоҳизаталаб ба назар мерасанд, ки барои такмили минбаъдаи таҳқиқот метавонанд ба инобат гирифта шаванд:

1. Хуб мешуд, ки параграфи севуми диссертатсия махсусан ба таҳлили олимони хориҷи бахшида мешуд. Ин аз он хабар медод, ки то чи андоза таҳқиқотҳои олимони хориҷи аз ватанӣ фарқият дорад.

2. Дар ҷадвали1.1 “Гурҳбандии мафҳуми захираҳои инсонӣ” оиди гуфтаҳои Давлатзода А дар адабиёт иттилоот оиди номгуи маҷалае, ки дар он мақола чоп шудааст оварда нашудааст.

3. Дар баъзе бахшҳои диссертатсия нишондиҳандаҳои оморӣ ва таҳлили динамикаи рушди захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ пешниҳод гардидаанд, вале мувофиқи мақсад мебуд, агар доираи таҳлилҳои оморӣ боз ҳам васеътар гардида, арзёбии муқоисавии нишондиҳандаҳо аз рӯйи сохторҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ низ амиқтар инъикос меёфт.

4. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили механизми интихоб, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд, аммо дар баъзе мавридҳо механизми татбиқи амалии онҳо ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳияи абзорҳои мушаххаси татбиқи ин пешниҳодҳо метавонист аҳаммияти амалии диссертатсияро боз ҳам бештар намояд.

5. Дар таҳқиқот ба масъалаи такмили сиёсати кадрӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст, аммо баъзе ҷанбаҳои марбут ба арзёбии хавфҳои кадрӣ, ҷалби мутахассисони ҷавон ва нигоҳдории кадрҳои баландихтисос дар низоми хизмати давлатӣ метавонанд боз ҳам амиқтар мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

Диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон дар мавзуи **«Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат, сармояи инсонӣ ва идоракунии давлатӣ бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, хулосаҳо ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он – **Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон** сазовори дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои иқтисодӣ** аз рӯйи ихтисоси **5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография** мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илми иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Кошонова М.Р.**

*«Имзои М.Р. Кошоноваро тасдиқ менамоям»:*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Мирҷамолов М.А.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Тел: +37-2-31-08-43
E-mail: www.tgfeu.tj